Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-003
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович дар мавзуи “Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз**

Низоми пардохт яке аз заминаҳои калидии муҳимтарини рушди иқтисоди рақамӣ дар шароити муосир маҳсуб меёбад. Зеро дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодии рақамӣ зарурати такмили хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ ва низомҳои пардохти миллӣ ба миён меояд. Вале, дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои рушди низоми миллии пардохт, бахусус хизматрасонии пардохтҳои ғайринадӣ аз ҷиҳати назариявию методологӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд, ки аҳамияти мавзӯи кори диссертатсионии Ҳалимов Иномҷон Мамадҷоновичро муайян мекунад.

Дар диссертатсия мақсад, объект ва предмети таҳқиқот, инчунин вазифаҳои таҳқиқот дуруст муайян шудаанд, ки ба мундариҷаи натиҷаи кор мусоидат кардаанд. Навоварии илмии тадқиқот дар асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ – методии рушди низоми пардохти миллӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оиди мукамалгардони фаъолияти низоми пардохи миллии Тоҷикистон дар шароити рақамикунони иқтисодиёт ба ҳисоб меравад, ки ба мундариҷаи кори илмӣ мувофиқ аст.

Дар автореферати диссертатсия қайд шудааст, ки генезиси мафҳуми «низоми пардохт»-ро метавон дар доираи соҳаҳои гуногуни молиявӣ (сиёсати пулию қарзӣ ва бозорҳои молиявӣ) баррасӣ кард. Мафҳуми “низоми пардохт” бояд дар чаҳорчӯби қонунгузории давлатӣ ва пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин санадҳои меъёрии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ таҷдиди назар карда шавад (саҳ. 12).

Муаллиф иброз намудааст, ки дар айни замон, бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ тамоюли истифодаи васеъи зеҳни сунъиро нишон медиҳанд. Истифодаи самараноки зеҳни сунъӣ раванди хидматрасонӣ ба бозорҳои молиро соддатар ва камхарҷ мекунад. Тоҷикистон ҳанӯз барои истифодаи зеҳни сунъӣ дар низоми пардохт омода нест, ки эҷоди зерсохтори мувофиқ барои рушди ин шакли пардохтҳоро тақозо мекунад (саҳ. 15).

Ба ақидаи муаллиф беҳтар кардани шароитҳои НПМ боиси он мегардад, ки рақобатпазирии он боло рафта, модели ояндаи тараққиёти низоми пардохт ва алгоритми татбиқи он коркард шавад. Инчунин кортҳои пардохтии локалӣ ба шакли универсалӣ такмил ёфта, тадриҷан НПМ Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти минтақавию ҷаҳонӣ касб менамояд (саҳ. 20-21).

Дар кори таҳқиқотӣ барои такомули унсурҳои ташкилии НПМ, инфрасохтори НПМ, коммуникатсионӣ, инноватсионӣ, технологӣ чораҳо ва афзорҳои муайян пешниҳод карда шудаанд. Барои такмили НПМ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили самтҳои асосиии идоракунии низоми пардохти кишвар ва навсозии НПМ дар шароити тадриҷан ташаккули иқтисоди рақамӣ, муҳим арзёбӣ шудааст.

Ба натиҷаҳои назарраси кори илмӣ нигоҳ накарда дар таҳқиқот ба ақидаи мо баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки ба онҳо чунин ҳолатҳоро метавон баён намуд:

1.Дар қисмати эътимоднокии натиҷаҳо аз тарафи муаллиф тавсияҳои мушаххас пешниҳод нагардидаанд.

2.Беҳтар мешуд агар муаллиф дар автореферати диссертатсия ақидаҳои шахсии худро оид ба такмили механизми низоми пардохти милли мушаххастар баён менамуд.

Вале ин камбудиҳои иброзгардида сифати кори таҳқиқотиро коҳиш намедиҳанд ва диссертатсияи Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович дар мавзуи “Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Мудири кафедраи молия, бонк ва
фаъолияти гумрукии Филиали МД
«Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон» дар вилояти Суғд
(ш. Хуҷанд), д.и.и., дотсент Шокиров Р.С.

Имзоро тасдиқ мекунам________________

Мутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Абдуҷалилов Ҳ.Ҷ

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, 735700, шаҳри Хуҷанд, микро-ноҳияи 27, хонаи 1. **Телефон:** (+992 37) 234-88-02 (124) dsx_ips@mail.ru (+992) 92 7495275 **E-mail: shokirovravshan@mail.ru**